**Инҷо клик кунед: [Бақайдгирӣ дар мусобиқаи дави 7 кӯл]**

---

**Мо аз ҳамроҳ шудани шумо хеле шод мегардем!**

Мусобиқаи дави 7 кӯл дар масофаи беш аз 20 км, бо афзоиши баландии беш аз 1000 метр, аз оғози кӯли 1-ум то охири кӯли 7-ум давом ёфта, саросари силсила кӯлҳои Ҳафт Кӯли наздикии Панҷакент, Тоҷикистон, баргузор мегардад. Мо шуморо хайрамақдам менамоем - хоҳ шумо хоҳиши гузоштани рекорди шахсӣ дар Known Time (FKT) доред, хоҳ фақат мехоҳед дар манзараҳои зебои кӯҳӣ сайр намоед, аз дидоратон шод мегардем.

Маблағи иштирок дар мусобиқа 250 сомонӣ барои як иштирокчӣ мебошад. Пули нақлиёт, хобгоҳ ва хӯрока алоҳида аст. Маблағи бақайдгирӣ барои об, дастрасӣ ба кӯмаки аввал, акси хотиравӣ ва сувенир барои иштирокчӣ сарф мегардад.

Имсол мо танҳо як масофаро пешбинӣ намудаем, аммо мо маълумоти бештар оиди дар куҷо ҷойгир будани охири 21.1 км, барои он шахсоне ки масофаи пурраи ним-марафонро давидани ҳастанд, пешниҳод менамоем.

Мусобиқаи дав дар ҳамкории ташкилоти ҷамъиятии “Ирода” ва ташкилоти “Ҳамкории Осиёи Миёна” (минбаъд “ҲОМ”) ташкил гардидааст. Ташкилоти “Ирода” барои дастгирии кӯдакони аутизмдошта (мушкилоти зеҳнӣ) фаъолият менамояд. ҲОМ - ташкилоти ғайридавлатӣ оид ба рушди ҷомеа ва дар робита ба ин мусобиқа ба дастгирӣ ва рушди рушди сайёҳии деҳот нигаронида шудааст. Маблағе, ки аз бақайдгирӣ ҷамъоварӣ мегардад, ба самти татбиқи лоиҳаҳои кунунии Ирода равона карда мешавад.

Мо чорабинии мазкурро бори аввал соли ҷорӣ гузаронида истодаем, аммо мо умед ва нақша дорем, ки солҳои оянда чорабинии мазкурро боз гузаронем! Лутфан каме бо мо сабр кунед, зеро мо кӯшиш дорем чанд мушкилиҳои логистикӣ барои гузаронидани чорабинии мазкур дар маҳаллӣ дурдастро ҳал намоем. Пас аз чорабинӣ шумо имкон доред фикру пешниҳодҳои худро барои солҳои оянд пешниҳод намоед, то ки чорабинии солҳои оянда боз беҳтару ҷолибтар гузаронида шаванд!

Миқдори иштирокчиён: барои мо ин ҳамкорӣ ва тасмими нав аст, аз ин сабаб, имсол танҳо 25 иштирокчӣ ба мусобиқа роҳ дода мешаванд. Мо умед дорем, соли оянда миқдори бештари иштирокчиёни  роҳ дода шаванд.

---

Мо медонем, ки бисёрии иштирокчиён мехоҳанд ҳамроҳашон оилаашон ё дӯстонашонро биоранд, ки шояд баъзе аз онҳо дар дав иштирок ҳам мекунанд. Мо танҳо барои 25 иштирокчӣ ҷой дорем. Ба ин иштирокчиён об, дастрасӣ ба кӯмаки аввал, акси хотиравӣ ва сувенир пешниҳод мегардад. Лекин, мо аз дидори ҳамаи онҳое, ки ба хӯроки нифсирӯзӣ (шашлики баъди мусобиқавӣ), ба мо ҳамроҳ мешаванд, ё ки дар масъалаҳои гузаронидан кӯмак мехоҳанд кӯмак намоянд, хушҳол мегардем.

---

**Вохӯрии мухтасари иштирокчиён:**

Ҳамаи иштирокчиёни дав/пиёда рузи 1ум май соати 18:00 бояд дар вохӯрии пеш аз мусобиқавӣ бояд дар меҳмонхонаи Тӯйчиқул, ки байни кӯли 4ум ва 5ум ҷойгир аст, ҳозир бошанд.

---

**Нақлиёт**

Ташкилотчиёни мусобиқаи дав танҳо нақлиёти аз гардиши 7 кӯл наздикии Панҷакентро ташкил мекунанд. Барои то гардиш сафар кардан, шумо худатон ӯҳдадор ҳастед.

Аз Душанбе ба 7 кӯл сафар кардан хеле осон аст. Пеш аз ба шаҳри Панҷакент ворид шудан, тарафи чап мегардед. Санаи 1ум май соати 14:00 мо дар ҳамин гардиш вомехурем. Ҳангоми баргашт, рӯзи шанбе, 2-юми май соати 15:00, мо аз охири кӯли 6ум то шаҳри Панҷакент нақлиётро ташкил менамоем. Дар айни ҳол, мо дигар вариант пешниҳод карда наметавонем, лекин агар ягон саволе дошта бошед, лутфан бо мо тамос гиред.

Барои бо нақлиёт то охири кӯли 7-ум рафтан, ки охири он дар +20км воқеъ аст, мошини дорои 4 WD сахт тавсия менамоем. Лекин, бо нақлиёти сабукрав бе мушкили то гардиши 7 кӯл (роҳи Панҷакент) рафтан мумкин аст.

Ман дар гардиши 7 кӯл рӯзи 1уми май, на дертар аз соати 14:00 мешавам (роҳкиро 75 сомони/нафар)

Барои баргаштан ба Панҷакент (роҳкиро 90 сомони/нафар), ман рӯзи 2юми май на дертар аз соати 15:00 дар кӯли 6ум мешавам.

---

**Ҷойи хоб ва хӯрока**

Умеди мо ин аст, ки барои оғози мавсим барои ширкатҳои сайёҳии 7 кӯл каме кӯмак намоем. Инчунин барои онҳое, ки ҷойи хоб барояшон гарон аст, ҷойҳои хаймазанӣ пешбинӣ шудааст.

- Меҳмонхона (Homestay) (танҳо ҷойи хоб) - тахминан $10/нафар/шаб
- Меҳмонхона (ҷойи хоб ва наҳорӣ) - тахминан $12/нафар/шаб
- Меҳмонхона (ҷойи хоб, хӯроки шом рӯзи якуми май ва наҳорӣ рӯзи дав) - тахминан $17/нафар/шаб
- Иҷораи хайма - $3/нафар/шаб
- Хайма + кӯрпаи хоб ва гилемча - $5/нафар/шаб
- Ҷой барои хайма ва дастрасӣ ба ҳоҷатхона - $1.50/нафар/шаб

---

**Меню**

Мо бо роҳбарони меҳмонхона сӯҳбат намудем ва як менюи оддиро тартиб додем, ки онро пешакӣ дархост кардан лозим аст. Мо дарк мекунем, ки баъзеҳо мехоҳанд хӯроки худашонро оранд ва барои рӯзи мусобиқа омода бошанд. Барои шахсоне, ки дар меҳмонхона меистанд, оби гарм пешниҳод мегардад.

Барои якуми май, хӯроки шом:
- дамлама
- шӯрбо
- фри бо мурғи зирбонидашуда

Барои дуюми май, наҳорӣ:
- каша
- тухми дар обҷӯшида
- тухми зирбонидашуда

---

**Барбэкю**

Пас аз мусобиқаи дав соати 12:00, барбэкю дар охири кӯли 7-ум такшил карда мешавад. Арзиш барои калонсолон 60 сомони, барои кӯдакон 30 сомони.

---

**Нарх**

Барои дидани чанд варианти нархҳо ба инҷо **клик намоед**.

---

**Эъломияҳо**

Лутфан тасдиқ намоед, ки шумо ҳар як нуқтаи болозикршударо хондед ва ҳар яке аз иштирокчиён онро қабул менамояд:

Fastest Known Time (FKT): Ман қабул менамоям, ки ман дар мусобиқа барои вақти тезтарин иштирок менамоям ва ман барои сабт кардани маълумоти GPS ва

пешниҳоди он ба формати GPX ба ташкилкунандагони ин мусобиқа то санаи 7уми май пешниҳод менамоям, то он дар платформаи FKT расман ворид карда шавад ва рекорди он дар онҷо сабт гардад.

Вақти оғоз ва хотима: Ман қабул менамоям, ки мусобиқа соати 8:00 оғоз гардида, барои омода шудан дар хатти оғоз соати 7:30 ҳузур бошам. Ман қабул менамоям, ки вақти хотимавии мусобиқаи дав соати 14:00 муқаррар шудааст.

Вақти охирини истгоҳи об:
Истгоҳи об №1: соати 9:00 (оғози кӯли 2юм, тахминан пас аз 2.5 км)
Истгоҳи об №2: соати 11:00 (байни меҳмонхонаи Тӯйчикул ва кӯли 4ум, пас аз 8.5 км)
Истгоҳи об №3: соати 12:00 (оғози кӯли 6ум, пас аз 11.5 км)
Истгоҳи об №4: соати 12:30 (охири кӯли 6ум, пас аз 15.5 км)
Истгоҳи об №5: соати 13:00 (охири кӯли 7ум, тахминан 18 км)

Ман қабул менамоям, ки пардохти маблағи иштирокчӣ дар ҳаҷми 250 сомони ба ман барои: об, дастрасӣ ба кӯмаки аввал, акси хотиравӣ ва сувенир пешбинӣ шудааст.

Ман қабул менамоям, ки барои тасдиқ кардани ҷойи иштирокчӣ ман 72 соат дорам, то пешпардохтамро аз Душанбе аз ташкилкунандагони ин мусобиқаи дав, гирам (агар шумо берун аз Душанбе ҷойгир ҳастед, пас лутфан ба мо тамос гиред).

Ман қабул менамоям, ки давидан ва пиёда дар кӯҳҳо гаштан хавфи худро дорад ва ман ҳамаи ин ӯҳдадориҳоро қабул менамоям. Ман мефаҳмам, ки самте, ки дар он мусобиқаи дав баргузор мегардад, нақлиётҳо дар он мегузарад ва шояд дар роҳ ман ба танбашавии майдаи роҳ рӯ ба рӯ шавам.

---

Мо бо шумо ҳафтаи 26уми апрел бо маълумоти муфассал оид ба ҷойи хоб, меҳмонхонаҳо, маълумотҳои GPS барои нуқтаи вохӯрӣ, маълумот оиди роҳ барои он шахсоне, ки бо нақлиёти худ меоянд, чизҳои лозима ва рӯйхати хӯрокаҳо ва амсоли онҳо, тамос мегирем.

---

**Инҷо клик кунед:** **Бақайдгирӣ дар мусобиқаи дави 7 кӯл**